«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
_____________ Хушвахтзода Қ. Х.
«___» ____________ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзӯи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) дар кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ ба анҷом расидааст.

Латифов Алихон Давлатович аз соли 2005 дар факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси муаллими калон кор мекунад. Ӯ соли 2004 факултети шарқшиносии ДМТ-ро аз рӯйи ихтисоси "шарқшинос-филолог (забони ҳиндӣ)" хатм кардааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 28 августи 2020 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ – Раҷабов Ҳабибулло.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи мазкур ба таҳлилу арзёбии ҳикояҳои яке аз нависандагони маъруфи адабиёти муосири Ҳинд Меҳруннисо Парвиз бахшида шудааст. Дар адабиётшиносии муосири ҳиндӣ мавсуфро ҳамчун нависандаи иҷтимоъгаро мешиносанд. Инъикосу бозтоби масоили иҷтимоӣ ва хонаводагӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ҷойгоҳи хосеро ишғол мекунад. Аз ҷониби дигар нависанда замоне по ба арсаи адабиёт гузошт, ки дар таърихи кишвар таҳавуллоти амиқе сурат гирифт ва кишвари Ҳинд соҳибистиқлол гардид.

Таҳқиқ нишонгари он аст, ки дастёбӣ ба истиқлолият чараёни умумии ҳаёти кишварро дар тамоми риштаҳо, аз ҷумла адабиёт дигаргун сохт ва адабиёти хоси худро офарид. Насли истиқлол ва аз ҷумла Меҳруннисо Парвиз дорои диду

биниши тоза, ҷаҳоншинохтиву ҷаҳоннигарии дигаргуна буданд. Таваҷҷуҳи аксари намояндагони ин насл бозтобу инъикоси паҳлуҳои мухталифи масоили иҷтимоӣ буд.

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки осори Меҳруннисо Парвиз бо мавҷудияти 17 маҷмӯаи ҳикоя то ба имрӯз мавриди таҳқиқу арзёбии амиқ қарор нагирифтааст. Дар адабиётшиносии тоҷик низ ба ҷуз ишораҳои ҷузъӣ дар бархе аз таълифоти ҳиндшиносон диссертатсияи алоҳидае тасниф нашудааст.

Нуктаи дигаре, ки метавон нишони мубрамияти интихоби мавзӯъ бошад, диду вусъати назар ва ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвиз дар тарҳу бозтоби бадеӣ-адабии мазоҳири зиндагӣ, воқеияти айнӣ, симои ҷомеаи имрӯзӣ аст. Сабку шеваи нигориши вай аз дигар нависандагони ҳамнаслаш комилан мутафовит аст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ**. Диссертант барои амалисозии мақсади дар пешгузошта вазифаҳои зеринро анҷом додааст: тавсифу барқарорсозии зиндагиномаи илмии Меҳруннисо Парвиз бар асоси осори мавҷуди таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф; таҳлилу арзёбии дидгоҳҳои мунаққидону донишмандон дар атрофи таълифоти Меҳруннисо Парвиз; баёни замонии осори Меҳруннисо Парвиз ва таҳлили мухтасари маҷмӯаҳои нависанда; баррасии фаъолияти иҷтимоӣ ва рӯзноманигории нависанда; таъйини мавқеи ҳикояҳо дар эҷодиёти нависанда; баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ, хонаводагӣ, хусусиятҳои ғоявӣ-мавзӯӣ ва услубии ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз.

**Метод ва равиши таҳқиқ**. Диссертатсия ба методи суннатии таърихӣ-филологӣ ва усули таҳқиқи қиёсӣ-таърихии падидаҳои адабӣ асос ёфтааст. Асосу бунёди методологиву назарии диссертатсияро пажӯҳишҳои олимони маъруфи рус В. М. Жирмунский, В. В. Виноградов, М. М. Бахтин, М. Б. Храпченко, Ю. М. Лотман, В. В. Томашевский, муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ

Мини Самуел, Шраддҳа Чандракар, Каминӣ Сенварҳа, Сукеш Дубе, Хоҷа Аҳмад Ансорӣ, Е. П.Челишев, Ҳ. Раҷабов ташкил медиҳад.

Дар диссертатсия, ҳамчунин, ақидаҳои назарии олимони адабиётшиноси тоҷик Х. Шарифзода, М. Шакурӣ, А. Раҳмонзода ва Ш. Солеҳов истифода шудаанд.

**Навгониҳои таҳқиқ**. Дар адабиётштносии тоҷик аввалин зиндагиномаи нависандаи номдор Меҳруннисо Парвиз тадвину мураттаб гардида, маҷмӯаҳои ҳикояҳои ӯ ба таври хронологӣ тавсиф шудаанд. Хусусиятҳои мавзӯӣ, идеявӣ ва услубии ҳикояҳои нависанда ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти илмӣ - назарии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои камшинохтаи марбут ба ҳаёт ва фаъолияти нависанда Меҳруннисо Парвиз равшанӣ андохта, дар омӯзиши пурраи ҳикояҳои ӯ маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқ дар омӯзишу арзёбии давраҳои зуҳуру ташаккули ҳикояи ҳиндӣ баъди ба даст овардани истиқлол, таҳаввулоти падидомада дар мавзӯъ, муҳтавову мундариҷаи ҳикоя дар нимаи дуюми асри XX судманд хоҳад буд. Ҳамчунин, аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истифода намуд.

Аз маводи пешниҳодӣ, ҳамчунин, метавон ҳангоми тадвину таҳлили дастурҳои методӣ ва воситаҳои таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ, мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти муосир, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар таълими «Адабиёти муосири ҳиндӣ» ва «Назария ва амалияи наср» дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ, истифода намуд.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар мақолаҳои чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 8 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст инъикос ёфтааст:

1. Латифов А. Д. Мақоми зан дар ҳикояи «Шинохти хеш»-и Меҳруннисо Парвиз //Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Дониш», 2010. - № 3, - С. 177-180 (ба заб. тоҷ.).
2. Латифов А. Д. Симои зан дар ҳикояи «Ид» - и Меҳруннисо Парвиз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2010, - № 7 (63), - С. 159-160 (ба заб. тоҷ.).
3. Латифов А. Д. Тасвири ҳаёти зани ҳинду дар ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ» - и Меҳруннисо Парвиз // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Дониш», 2011. - № 1 (63), - С. 152-154 (ба заб. тоҷ.).
4. Латифов А. Д. Тасвири ҳаёти деҳа дар ҳикояҳои «Кунҷи зинапояҳо» ва «Ид» - и Меҳруннисо Парвиз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2016, - № 4/3 (203), - С. 165-168 (ба заб. тоҷ.).
5. Латифов А. Д. Меҳруннисо Парвиз тарсимгари расму таомули рустоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2017, - № 4/3, - С. 242-245 (ба заб. тоҷ.).
6. Латифов А. Д. Меҳруннисо Парвиз – рӯзноманигор // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2017, - № 4/4, - С. 239-243 (ба заб. тоҷ.).
7. Латифов А. Д. Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2018, - № 6, - С. 199-204 (ба заб. тоҷ.).
8. Латифов А. Д. Меҳруннисо Парвиз намояндаи адабиёти навини ҳиндӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: ино, 2019, - № 5, - С. 253-258 (ба заб. тоҷ.).

Диссертатсияи Латифов А. Д. таҳқиқоти комил буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) мувофиқат менамояд.

Кафедраҳои филологияи Ҳинд, Эрон ва филологияи араби ДМТ бо натиҷагирӣ аз

ҷаласаи якҷоя диссертатсияи унвонҷӯ Латифов Алихон Давлатовичро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳиму мубраме меҳисобанд, ки дар сатҳи баланди илмию тадқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамоянд. Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-17 нафар, «зид»-0, «бетараф»-0, қарори № 2 аз 12. 09. 2020

Мудири кафедраи филологияи Эрон,
профессор Сафаров У. Р.
Тел: 985786711
Почтаи эл: umar_safar@mail.ru
Мудири кафедраи
филологияи Ҳинд, дотсент Қурбонов Ҳ. А.
Тел: 200969898
Котиби илмӣ: Амиршоева М. П.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.
Тел.: +992 372 21 7711
E-mail:tgnu@mail.tj
http://www.tnu.tj

Имзои У.Р. Сафаров, Ҳ. А.Қурбонов
ва М. П. Амиршоеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.